Другим направлением сотрудничества стран между собой может выступить и развитие рыночной кооперации, связанной с коллективными действиями предприятий различных стран региона при приобретении и поступательном движении товаров на рынках стран ЦА. Возможна организация коллективных закупок сырья и комплектующих изделий, объединенных поставками однородной продукции, продажа товаров с использованием каналов компаний-партнеров, на базе применения единого регламента, стандарта и пр.

В диссертации подчеркивается, что благодаря совместным договоренностям и имеющимся соглашениям многостороннее взаимовыгодное сотрудничество Таджикистана со странами ЦА возможно в рамках следующих направлений:

- создание СП, в том числе в рамках свободных экономических зон Таджикистана, в сферах легкой и пищевой промышленности, а также в сельском хозяйстве;
- содействие открытию совместных предприятий, представительств и филиалов банков на территории Таджикистана;
- создание оптово-распределительных центров в Республике Таджикистан для экспорта экологически чистой сельскохозяйственной продукции в третьи страны;
- активное финансирование торговых операций за счет кредитных средств банков республик ЦА путем предоставления кредитов таджикским предпринимателям;
- проведение выставок по приоритетным направлениям на территории стран ЦА;
- создание автосборочного производства на территории Республики Таджикистан с партнерами из стран ЦАР;
- налаживание сотрудничества со структурами стран ЦА в сферах цифровой экономики, технологических исследований и разработок, электронной коммерции, современных промышленных услуг, бизнес-инкубирования и др.

Отмечается, что реализация различных направлений взаимовыгодного экономического сотрудничества зависит также и от уровня и масштабов развития частного сектора в каждой стране региона. Показаны возможные направления сотрудничества Таджикистана с каждой страной ЦАР.

Немаловажное значение в успешном торгово-экономическом сотрудничестве стран ЦАР играет консолидация центральноазиатской транспортной системы, заключающаяся в совместном использовании трансконтинентальных транзитных коридоров. Показано, что сложился целый ряд общих причин, согласно которым возникает необходимость в проработке вопроса о проектировании общей стратегии или программы формирования региональной транспортной системы. Это связано с тем, что, во-первых, государства ЦА согласно географическим условиям закрыты и зависимы от проводимой транспортной стратегии другими странами для доступа на мировой рынок. Во-вторых, в ходе проведения экспортно-импортных грузоперевозок стран ЦА наблюдаются значительные транспортные расходы.

В-третьих, государства ЦА имеют достаточно крупный внутренний рынок и природные ресурсы, в связи с этим здесь вступают в противоречие интересы крупных держав и союзов. В-четвертых, значительная часть транспортных коридоров стран ЦА взаимосвязаны между собой и каждая страна региона в равной мере заинтересована в увеличении транзитных грузоперевозок. В-пятых, для улучшения транспортной системы в каждой стране и создания новых коридоров, требуется привлечение значительных внешних инвестиций.

Подчеркивается, что центральноазиатский регион имеет большой транзитный потенциал в общемировой транспортной системе, так как связывает Европу с Азией. Поэтому проблемы, возникающие в области использования имеющихся коммуникаций, значительно тормозят рациональное и взаимовыгодное использование имеющихся потенциальных возможностей стран, которые привлекательны наличием природных ресурсов и емким рынком сбыта.

Поэтому в условиях глобализации и динамичных международных отношений, не только на уровне Таджикистана, но и на территории центральноазиатского региона развитие транспортно-логического комплекса и разнообразие торговых путей выступает стратегическим направлением развития. Отмечается, что это связано в первую очередь, с отсутствием проработанной единой для стран ЦА стратегии по эксплуатации имеющихся транспортных коммуникаций, проработанной общей системной транспортной политики. Создание международных транспортных коридоров совместными усилиями, а также общей транспортной инфраструктуры будет содействовать уменьшению транспортных расходов при экспорте на внешний рынок, что выступает необходимым направлением в расширении торгово-экономического сотрудничества стран региона.

Проведенный в диссертационной работе анализ внешнеторговых операций Таджикистана с каждой страной региона и выявление степени зависимости от поставок по отдельным видам товарам показали, что для углубления

экономического сотрудничества необходимо создать ряд институтов и разработать:

- Стратегию формирования и развития международного центральноазиатского водно-энергетического консорциума;
- Стратегию формирования и функционирования центральноазиатского транспортного консорциума;
- Стратегию формирования и развития центральноазиатского продовольственного консорциума;
- Стратегию развития социально-экономического сотрудничества Республики Таджикистан со странами Центральной Азии (дорожную карту), с разбивкой по странам и с участием регионов Таджикистана.

## ВЫВОДЫ И ПРЕДЛОЖЕНИЯ

### Основные научные результаты диссертации

1. Международное торгово-экономическое сотрудничество включает множество непосредственных связей и отношений между странами в области передвижения товаров, услуг, капитала и рабочей силы за пределы национальных границ. Международное торгово-экономическое сотрудничество охватывает как торговые, так и производственно-экономические и финансовые процессы, таким образом формируют сложный и взаимосвязанный международный комплекс. Страны мира, в рамках международных экономических отношений, оказываются в положении постоянного экономического взаимодействия и взаимозависимости, таким образом, между ними осуществляется международное торгово-экономическое сотрудничество [1-А].

2. Под международным торгово-экономическим сотрудничеством можно понимать совокупность гармоничной деятельности стран и международных организаций, направленной на консолидацию международных экономических отношений, поддержку национальных интересов и реформирование правовых механизмов взаимополезного сотрудничества. Международное торгово-экономическое сотрудничество осуществляется в разнообразных формах: мировая торговля; мировые инвестиции; сотрудничество в научно-технической сфере, производственной кооперации, в сфере валютных, кредитных и финансовых отношений [2-А].

3. Международная торгово-экономическая деятельность оказывает важное воздействие на процесс регионализации мира, наряду с другими факторами, такими как природные ресурсы, природные условия, международная торговля, региональные преимущества, степень отдалённости от рынков, уровень образования населения, интенсивность и направления инвестиционной политики страны. Межрегиональная торгово-экономическая деятельность на наш взгляд, представляет собой сложное сотрудничество хозяйствующих субъектов отдельного региона страны с хозяйствующими субъектами других регионов мира, направленное на экспорт товаров и услуг, опираясь на региональный экспортный потенциал, закупку товаров и услуг для возмещения внутренних региональных потребностей, на базе поддержки международного движения

капитала, технологий, информации и международной миграции рабочей силы [2-А].

4. Международное торгово-экономическое сотрудничество можно рассматривать как непрерывный процесс активного формирования международных региональных отношений между различными субъектами: государствами, местными и региональными органами власти, общественными организациями и предпринимателями, которые имеют общие интересы в развитии своих территорий. Такой процесс предусматривает разработку совместных стратегий, выявление приоритетных направлений, разработку программ развития или «дорожной карты», базирующихся на комплексной оценке имеющегося общего потенциала территорий и выявлении сильных и слабых их сторон [5-А].

5. Экономическое сотрудничество стран базируется на основных экономических теориях, разработанных классиками экономической теории, как: А. Смита и Д. Рикардо, Э. Хекшера и Б. Олина, М. Познера, Дж.М. Кейнса, М. Портера, Р.О. Кеохейна, Дж. Най, Я. Тинбергена, Дж. Дельмон и др. При этом базой для международного торгово-экономического сотрудничества выступает общее стремление в реализации обоюдных интересов в социально-политической, экономической, научной, технической, культурной и т. п. сферах; предотвращение и профилактика негативных последствий проводимой субъектами антропогенной деятельности, наличие общих проблем и т.п.

6. На современном этапе мирового экономического развития многосторонний формат сотрудничества находится в тесном взаимодействии с двухсторонним, путем формирования необходимых условий для реализации внешнеэкономической деятельности. При многостороннем формате сотрудничества можно обозначить направления взаимодействия групп стран в пределах двухсторонних связей, при двухстороннем же сотрудничестве можно очертить направления взаимодействия стран, не связанных друг с другом. В связи с этим, для определения роли двухсторонних экономических отношений в мировой экономике, важно оценить состояние многостороннего формата, ибо только в комплексе можно формировать и организовать систему мировой экономики [6-А].

7. Республикой Таджикистан в отношении стран Центральной Азии взят курс на формирование режима наибольшего благоприятствования и реализации принципа равенства и толерантности товаров, защиты и поручительства при проведении трансакций в свободно-конвертируемой валюте, господдержке финансовых операций, причастных к торговле [3-А].

8. Страны ЦАР имеют ряд определенных преимуществ по сравнению с другими регионами мира, в их числе: обеспеченность природными, сельскохозяйственными и энергетическими ресурсами; существенный экспортный потенциал; возможности производства, которые благодаря кооперации и реализации совместных инвестиционных проектов способствуют выпуску конкурентоспособной продукции; дешевые трудовые ресурсы; благоприятное географическое положение между Европейскими странами и РФ,

а также странами Востока; вероятность организации единой водно-энергетической системы и достижение водно-энергетической независимости; высокие научно-технологические возможности и т.п.[1-А].

9. Коэффициент покрытия импорта экспортом только четырех стран Центральной Азии в 2019г. составил 1,10, в 2020г.-0,98 т.е сказались карантинные меры принятые многими странами, а в 2021г.- уже 1,06 т.е. предпринятые меры по активизации торгово-экономического сотрудничества дали свои результаты[2-А].

10. Расчёты, проведённые нами, показывают что наблюдается рост эффективности от расширения торгово-экономического сотрудничества Таджикистана со странами ЦА и свидетельствуют, что каждый 1% роста ВВП в 2019 г. в Таджикистане приводил к увеличению потоков импорта со стран Центральной Азии на 0,47%, в 2020г.-на 0,91%, а в 2021г. уже -1,31%.

**Рекомендации по практическому использованию результатов**

1. Центральноазиатский регион имеет большой транзитный потенциал в общемировой транспортной системе, так как связывает Европу с Азией. На территории центральноазиатского региона развитие транспортно-логического комплекса и разнообразие торговых путей выступает стратегическим направлением развития. Для углубления торгово-экономического сотрудничества необходимо разработать Стратегию формирования и развития международного центральноазиатского водно-энергетического консорциума, Стратегию формирования и функционирования центральноазиатского транспортного консорциума, Стратегию формирования и развития центральноазиатского продовольственного консорциума и Стратегию развития социально-экономического сотрудничества Республики Таджикистан со странами Центральной Азии (дорожную карту), с разбивкой по странам и с участием регионов Таджикистана [4-А].

2. Для расширения торгово-экономического сотрудничества в сфере сельского хозяйства, необходимо ускоренное продвижение современных инновационных процессов и технологий в растениеводстве и животноводстве, направленные на рост урожайности сельскохозяйственных культур и роста объемов производства животноводства; создание условий для привлечения инвестиций и зарубежного опыта в сектора сельскохозяйственного производства; улучшение и реформирование структур посевных площадей, выращивание таких сортов и видов сельскохозяйственных культур, которые способствовали бы росту урожайности и удовлетворению потребностей населения стран ЦАР в продовольствии [3-А].

3. В числе важных направлений торгово-экономического сотрудничества выступает организация международных кластеров по производству продуктов питания, развитию совместных производств в пищевой промышленности. К числу основных задач межгосударственных агропромышленных кластеров можно отнести следующие: сосредоточение ресурсов в таких отраслях сельского хозяйства как зерновое хозяйство, птицеводство, молочное животноводство; предоставление финансовой поддержки различным видам

кооперации и интеграции товаропроизводителей, в том числе формирование и развитие агропромышленных объединений; расширение и улучшение инфраструктуры рынка земель сельскохозяйственного назначения, улучшение технологического уровня аграрного производства и продвижение в практику ресурсосберегающих и экологически чистых технологий, формирование объединенных структур на основе полного цикла производства, которые смогут покрыть потребности в продукции АПК не только центральноазиатского рынка но и обеспечить конкурентоспособной продукцией АПК и другие рынки как стран СНГ, так и вне его [6-А].

4. Опираясь на мировой опыт становления и развития инновационных инфраструктур, необходимо формировать технопарки в виде специальной экономической зоны, в которой можно производителям предоставить разнообразные налоговые, тарифные и т. п. финансовые льготы, что послужит хорошим стимулом для их эффективного функционирования [3-А].

5. Для дальнейшего тесного сотрудничества каждая центральноазиатская страна благодаря совместным договорённостям и имеющимся соглашениям о многостороннем взаимовыгодном сотрудничестве, может расширять и углублять торгово-экономическое сотрудничество в следующих направлениях:

- создание СП, в том числе в рамках свободных экономических зон Таджикистана, в сферах легкой и пищевой промышленности, а также в сельском хозяйстве;
- содействие открытию совместных предприятий, представительств и филиалов банков на территории Таджикистана;
- создание оптово-распределительных центров в Республике Таджикистан для экспорта экологически чистой сельскохозяйственной продукции в третьи страны;
- активное финансирование торговых операций за счет кредитных средств банков Республик ЦА путем предоставления кредитов таджикским предпринимателям;
- создание автосборочного производства с партнерами из стран ЦАР;
- налаживание сотрудничества со структурами стран ЦА в сферах цифровой экономики, технологических исследований и разработок, электронной коммерции, современных промышленных услуг, бизнес-инкубирования и др. [3-А; 4-А; 6-А; 7-А].

## ПЕРЕЧЕНЬ ПУБЛИКАЦИЙ АВТОРА ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

### Статьи, в рецензируемых журналах:

[1-А] Адолати Курбонали. Экономическая интеграция стран центрально-азиатского региона [Текст]. / М.Т.Каримова, Адолати Курбонали// Таджикистан и современный мир.-Душанбе. 2022.- №2(78).-С. 150–159.

[2-А] Адолати Курбонали. Сотрудничество Таджикистана со странами Центральной Азии: направления и приоритеты / М.Т.Каримова, Адолати Курбонали // Экономика Таджикистана . Душанбе, 2022–№1.-С.208-215.

[3-А] Адолати Курбонали. Проблемы интеграции и консолидации стран Центральной Азии // Экономика Таджикистана. 2022.-№4. -С. 167-173.

[4-А] Адолати Курбонали. Перспективы экономического сотрудничества государств Центральной Азии // Вестник ТГПУ им. С.Айни. 2020- №1(1)- С.42-48.

**В других изданиях:**

[5-А] Адолати Курбонали Региональное сотрудничество государств Центральной Азии: взгляд из Таджикистана//Модернизация государств Центральной Евразии в условиях глобализации и регионализации в XXI веке: стратегии, новые тенденции и потенциал: материалы Международной научной конференции, декабрь. 2021г.- Душанбе: РТСУ, 2022. –с. 149–157.

[6-А] Адолати Курбонали Направления расширения торгово-экономических отношений Республики Таджикистан с Республикой Казахстан // Молодой ученый. -2021.-№44(386).-С.214-215.- URL: https://moluch.ru/archive/386/ 84951/

[7-А] Адолати Курбонали. Меры поддержки торгово-экономического и инвестиционного сотрудничества Таджикистана со странами Центральной Азии// Материалы международной научной конференции «Векторы региональной интеграции государств Центральной Евразии: основные тенденции, приоритеты, перспективы». 13.12.2022. -РТСУ. -Душинбе.2023.- (в печати).

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 539.5

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

АДОЛАТИ ҚУРБОНАЛӢ

# ҲАМКОРИИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: САМТҲОИ АСОСӢ ВА ДУРНАМОИ РУШД

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳон

Душанбе – 2023

Диссертатсия дар кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Каримова Мавзуна Тимуровна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Ризоқулов Турақул Рабимқулович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва рушди инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Содиқзода Парвиз** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи «30» сентябри соли 2023, соати 09:00 баргузор мегардад. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8. ауд. 102, e-mail: shamsov1976@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 918788938

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии донишгоҳ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___»_____________соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Шамсов И.С.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Бинобар микёси калони савдои мутақобила ва шарикии тиҷоратии сармоягузорӣ самтҳои ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои Осиёи Марказӣ (ОМ) ба таҳқиқу таҳлили доимӣ ниёз доранд. Робитаи мутақобилаи ба худ хоси ин давлатҳо, ки дорои ҳудудҳои васеъ, захираҳои зиёди табиию меҳнатӣ буда, қодиранд таъсиррасонии ҷиддиро ба тамоми низоми глобалии муносибатҳои иқтисодӣ ба тарви объективӣ намоиш диҳанд, доимо дар мадди назари олимон қарор дорад.

Бӯҳрони ҷаҳонии бар асари пандемияи COVID-19 ва оқибатҳои он рухдода, ки иқтисоди кишварҳои мухталифи ҷаҳонро фаро гирифтанд, ҳам дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам дар назди кишварҳои алоҳида чолишҳо ва вазифаҳои наверо, ки бо сабаби бесуботии иқтисодии дар ҷаҳон бавуҷудомада шадидтар мешаванд, ба миён оварданд. Дар пасманзари ин рӯйдодҳо давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун бозингарони муҳими низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар таҳкими робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва таъмини суръати устувори рушди иқтисодиёти миллии минтақа аз афзалиятҳои зиёд бархурдоранд.

Интихоби вектори ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва таҳияи сиёсати босамари иқтисодии хориҷии давлат дар ҳамбастагӣ бо ҷустуҷӯйи механизмҳои суръатбахшии рушди иқтисодӣ дар мавриди то ҳадди ақал расондани хавфҳои фаъолияти иқтисодии беруна барои дилхоҳ кишвари фазои иқтисодии ҷаҳонишавӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Дар Паеми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 зикр гардид, ки «давлати мо азм дорад, ки дар асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и хориҷии худ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тавсеа бахшида, рушд диҳад. Мо талошҳоро барои таъмини рушди устувор, саъю талошро ҷиҳати таъмин намудани рушди устувор ва тақвияти рӯҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ, эътимод ва дӯстии пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ идома медиҳем»[2].

Ташаккули фазои умумии тиҷоратӣ ва институтсионалӣ дар доираи минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳамкории мутақобилан судманд дар микёси низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Дар айни замон аз мавқеи иштирокчиёни зиёди бозори байналмилалӣ афзудани таваҷҷуҳ ба ҳамкориҳои минтақавию дуҷониба мушоҳида мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро пайгирӣ намуда, бо кишварҳои Осиёи Марказӣ робитаи фаъолро ба амал меорад. Тавсеаи кооператсияи истеҳсолӣ, фаъолсозии ҳамкории сармоягузорӣ, мубодилаи технологияҳое, ки ба навсозии заминаи саноатӣ, агросаноатӣ ва ғайра равона карда шудаанд, чун самтҳои муҳими ҳамкорӣ баррасӣ мегарданд. Ҳамзамон, дар роҳи фаъолсозии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ номукаммалии механизми ташкилию иқтисодии ҳамкориҳои байни кишварҳо, ки дар айни замон хусусияти робитаҳои тиҷоратию иқтисодии

---

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.3023 // http://www.president.tj/node/29823

кишварҳоро зимни самтгирии онҳо ба амалисозии иқтидори бамиёномадаи тиҷоратию иқтисодии минтақа суст ба инобат мегирад, ба ҳайси монеаи назаррас баромад мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, талабот ба таҳқиқи консептуалию методологӣ ва амалии равандҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ, муқаррарнамоии қонуниятҳо, интихоби муносибати инноватсионӣ ба ҷустуҷӯйи шаклу тарзҳо дар савдои байналмилалӣ, ки ба мавқеъгирии кишвар ҷиҳати рақобаттобоварӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии минтақавӣ мусоидат менамоянд, мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва аҳамияти назариявию амалии онро асоснок мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Гуногунҷанба будани масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии кишвар, дақиқ намудани муносибатҳо ба таҳқиқи мутобиқати онҳо ба шароити муосири рушди фаъолияти иқтисодии беруна дар мадди назари хоси олимони таҳқиққунандаи робитаҳои байналмилалӣ, маркетологҳо, логистҳо, тоҷирон-соҳибкорон ва ғайра қарор гирифтаанд. Проблемаи баррасишаванда ҳам ҷанбаҳои умуминазариявии таҳаввули концепцияҳои ҳамкории байналмилалии тиҷоратию иқтисодӣ ва ҳам соҳаи амалии татбиқи ҳадафҳои сиёсати берунии иқтисодии кишварро дарбар мегирад. Захираи илмию амалии ватанӣ ва ҷаҳонӣ миқдори зиёди тадқиқотҳоеро, ки аз рӯйи самтҳо ба низом даровардан мумкин аст, фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, таҳлили консептуалии нақши фаъолияти иқтисодии беруна ҳамчун омили рушди иқтисодӣ дар назарияҳои А. Смит ва Д. Рикардо, Э. Хекшер ва Б. Олин, М. Познер, Ҷ.М. Кейнс, М. Портер, Р.О. Кеохейн, Ҷ. Най, Ҷ. Тинберген, Ҷ. Делмон ва олимони зиёди дигар баррасӣ шудааст. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методологӣ роҷеъ ба ошкорсозии таъсири ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ ва равандҳои дигаргуншавии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар асарҳои Гусаков Н.П., Исайнов Х.Р., Кандиёрова Д.О., Каримова М.Т., Қаюмов Н.К., Лвов Д.С., Назаров Т.Н., Одинаев Х., Рахимов Р.К., Рибалкин В.Е., Саидмуродов Л.Х., Солиев А.А., Суржиков М.А. ва дигарон анҷом дода шудааст.

Мушкилоти рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байналмилалии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо ОМ дар асарҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла Асроров И.А., Кандиёрова Д.О., Қаюмов Н.К., Комилов С.Ҷ., Мирбобоев Р.М., Муҳаббатов Х.М., Назаров Т.Н., Нурмаҳмадов М., Раҳимов А.М., Саидмуродзода Л.Х., Солиев А.А., Тошев О.Т., Тошев С.О.. Умаров Ҳ.У., Усмонова Т.Дж. ва дигарон баррасӣ гаштааст.

Дар асарҳои олимони ватанӣ: Бобокалонов О.Қ., Қаюмова Н.К., Назаров Т.Н., Кандиёрова Д.О., Каримова М.Т., Раҷабов Р.К., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Л.Х., Умаров Ҳ.У., ва дигарон масъалаҳои идоракунии робитаҳои иқтисодии беруна, ҳамоҳангсозию танзими гумрукӣ, инчунин такмили фаъолияти тиҷоратии берунаи кишвар баррасӣ шудаанд.

Хусусиятҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар бобати беҳтар кардани сифати равандҳои тиҷорат дар фаъолияти иқтисодии берунаи кишварҳои пасошӯравӣ дар асарҳои Алимов Б., Глазева С.Ю., Гранберг Р.С., Гулаков У.М.

Ефимов В.В., Қаюмов Н.К., Комилов С.Д., Олимов Р., Раҷабов Р.К., Скрибина В.Ю., Ҳаёхоҷаев Ф., ва дигар олимон омӯхта шудаанд.

Асарҳои Гарбузаров Е., Зиёдуллоев Н.С., Зоҳибова А.А., Кандиёров Д.О., Каримова М.Т., Каҳоров Д., Махмутов Е.В., Мухторова К., Одинаев Х.А., Плотников Д.С., Раҷабов Р.К., Раҳматуллина Г., Саидмуродов Л.Х., Тураева М.О., Ҳусайнов М.К. ва дигарон ба равиши эмпирикӣ дар мавриди ошкорсозии иқтидори ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ (МОМ) ва кишварҳои МОМ байни худ асос ёфтаанд.

Аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикии намояндагони аҳли илмро қайд карда, инчунин муҳиммияти таҳқиқотҳо оид ба мушкилоти фаъолияти иқтисодии берунаро таъкид намуда, зикр намудан ба маврид аст, ки бисёр ҷанбаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ вобаста ба хусусиятҳои рушди иқтисодиёти миллӣ ба кадри кифоя коркард нашуда, баҳсталаб боқӣ мемонанд. Ҳамин тавр, масалан, дар мавриди ҳадафҳои стратегии иштироки Тоҷикистон дар сохторҳои ҳамгирой дар минтақаи Осиёи Марказӣ то ҳол аз ҷониби аҳли илм тавофуқ ҳосил нагашта, масъалаи шарикӣ дар соҳоти обию энергетикӣ, нақлиётӣ ва озуқаворӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Масъалаҳои дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ, таъсири ҳамгироии авруосиёӣ ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИИАО ва як қатор масъалаҳои дигар баҳсбарангез боқӣ мондаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи мавриди омӯзиш бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, инчунин бо нақшаи КИТ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон робитаи мустақим дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз асоснокунии консептуалию методологии самтҳои рушди ба навоварӣ (инноватсия) нигаронидашудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ошкорсозии дурнамои рушди онҳо барои таъминнамоии рушди устувори иқтисоди миллӣ иборат мебошад.

Дар диссертатсия мувофиқи мақсади гузоштташуда **вазифаҳои** зерин муайян карда шуданд**:**

- таҳқиқи асосҳои назариявии ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ, моҳият ва хусусиятҳои онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ;
- нишон додани омилҳои асосии ба самтҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ таъсиррасонанда;
- таҳлили заминаи шартномавию ҳуқуқии ҳамкории тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ;
- тавсифи вазъияти кунунӣ ва ҷанбаҳои рушди ба самти инноватсионӣ равонашудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ;
- муайян кардани накш, ҷой ва проблемаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ;

➢ арзёбии иқтидори ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** - ҳамкории тиҷоратию иқтисодии дар давраи муосири таҳаввулоти иқтисоди ҷаҳонӣ бамиёномадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаи МОМ .

**Мавзуи таҳқиқот** робитаҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар рафти ташаккул амиқсозӣ ва рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзу тахмин карда мешавад, ки ошкору дақиқсозии омилҳо, тамоюлҳо ва хусусиятҳо дар соҳаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалии Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ барои таҳияи равишҳои нав нисбат ба ташкили ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии самарабахш, ки бо дарназардошти марҳалаи кунунии дигаргуншавии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ҳадафи баланд бардоштани рақобатпазирии кишварҳои минтақаро ба пай дорад, васоиту абзор фароҳам меорад

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии назарияпардозон, олимон-мутахассисони ватанию хориҷии соҳаи рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ; асосҳои назарияи иқтисодӣ, аз ҷумла назарияи рушди иқтисодӣ ва расидагирӣ, назарияи зарурати хамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ, комьёбиҳои илми чаҳонии иқтисодӣ ташкил додаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** равиши низомманд ташкил дод. Зимни таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили муқоисавӣ, омезиши ягонагии мантиқӣ ва таърихӣ, робитаи мутақобилаи байни нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ асос ёфтааст. Дар ҷараёни таҳқиқот ба назарияҳои неоклассикӣ ва институтсионалӣ, равиши низомманд, назарияҳои рушди динамикӣ дар ҷанбаи омӯзиш ва арзёбии равандҳои дигаргуншавӣ, гурӯҳбандӣ ва ҳадгузории фаъолияти савдои хориҷӣ такя намуда шудааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои омории таҳлили индексӣ, муқоисавӣ ва системавӣ; усулҳои моделсозии графикӣ; усули абстрактӣ-мантиқӣ; усулҳои низомандсозӣ, синтезу таснифи маълумот ва татбиқи аналогияҳо ба кор рафтаанд.

**Сарчашмаи маълумотро** иттилоот аз маҷмуаҳои омории «Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар давраи солҳои 2015 - 2021, «Тоҷикистон: 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ»; маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон; маълумоти оморӣ аз вебсомонаҳои расмӣ: Кумитаи байнидавлатии омори ИДМ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, кумитаҳои омори кишварҳои МОМ ташкил додаанд. Ҳангоми муайян кардани ҳадафҳои асосӣ дар соҳаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ СМР-2030, БМР 2021-2025, инчунин Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 истифода шудаанд.

**Пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии таҳқиқотро** санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва савдои хориҷии кишвар; заминаи ҳуқуқӣ ва шартномавии ҳамкорӣ дар шакли созишномаҳо, шартномаҳо, протоколҳои гуногуни ҳангоми гуфтушуниди сарони байни сарони ҳукуматҳо ва ҳайатҳои кишварҳои МОМ баимзорасида ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертсионӣ дар кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз асосноккунии назариявии самтҳои ба инноватсия нигаронидашудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва муайян кардани дурнамои рушди онҳо бахри таъминсозии рушди устувори иқтисодии иқтисоди миллӣ иборат аст.

Аз ҷумлаи натиҷаҳои муҳимтарине, ки навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро бозтоб мекунанд, метавон инҳоро қайд намуд:

- дар асоси таҳлили равишҳои назариявӣ ва амалӣ роҷеъ ба муайянкунии моҳияти ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ, таърифи муаллифии мафҳуми ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ ба ҳайси маҷмуи фаъолияти мутаносиби кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, ки ба муттаҳидсозии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, дастгирии манфиатҳои миллӣ ва ислоҳотдарорӣ ба механизмҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои мутақобилан судманд нигаронида шудаанд, пешниҳод гардидааст;
- назарияҳои зарурияти ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ ба низом даровардa шуда, дар асоси заминаю принсипҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ афзалияту нуқсонҳои созишномаҳои тиҷоратию иқтисодии дуҷониба ошкор карда шуданд;
- омилҳои рушду густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ вобаста ба меъёри интихоби ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ ошкор ва гурӯҳбандӣ карда шудаанд;
- ҷойу нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои МОМ арзёбӣ гардида, самарабахшии рушди ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ байни ҳамдигар дақиқ карда шудааст;
- барои ба ҳадди аксар расонидани самараи синергетикӣ, ки рақобатпазирии иқтисодҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказиро беҳтар карда метавонанд, зарур будани таҳаввулоти институтсионалии ба беҳбуд бахшидани ҳамбастагии сиёсати иқтисодии дохилию хориҷии ин кишварҳо нигаронидашуда ошкор ва асоснок карда шуд;
- самтҳои дурнамои рушди ба самти инноватсия равонашудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ пешниҳод гардида, хусусиятҳои фарқкунанда ва қонунияти ташаккул ва рушди ин муносибатҳо ошкор намуда шуда, самарабахшии татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи энергетика, КАС, технологияҳои иттилоотӣ асоснок карда шудааст.

Аз ҷумлаи натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шуда, **барои ҳимоя пешниҳод гаштаанд**, инҳо мебошанд:

- нуқтаи назари муаллиф роҷеъ ба моҳияти ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ;
- афзалиятҳо ва камбудиҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии дуҷониба;
- нақшаи идоракунии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии дуҷонибаи фарогирандаи ҳадаф, вазифаҳо, самтҳо, шаклҳо ва воситаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои МОМ;

- арзёбии самарабахшии ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои МОМ бо ҳамдигар;
- самтҳои дигаргуниҳои институтсионалии кишварҳои МОМ ба туфайли татбиқи сиёсати ҳамоҳангшудаи иқтисодии дохилӣ ва хориҷии ин кишварҳо;
- самтҳои ба рушди инноватсия нигаронидашудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону кишварҳои МОМ бо ҳамдигар.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар асосноккунии минбаъдаи назариявӣ ва рушди нуктаҳои алоҳидаи назарияи тиҷорати байналмилалӣ, аз ҷумла дар бобати рушди робитаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ дар заминаи рушди мутавозин ва баинобатгирии манфиатҳои ҳарду давлат ифода меёбад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ин мавридҳо истифода гарданд: аз ҷониби мақомоти ҳокимият дар татбиқи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо ҳар як кишвари МОМ; дар фаъолияти ширкатҳо зимни арзёбии афзалият ва дурнамои соҳаи интихобшудаи ҳамкорӣ; дар пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ҳангоми такмил додани муносибатҳои методологӣ ба омӯзиши мушкилоти амиқсозии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии дар заминаи дуҷониба ва бисёрҷониба амалишаванда; дар донишгоҳҳо зимни гузаронидани курсҳои омӯзишии «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ», «Муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ё «Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо кофӣ будани маводҳои тадқиқот, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодии кишварҳои МОМ, нашри натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаю пешниҳодҳо ба баррасии илмии натиҷаҳои таҳлили назариявию амалии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои МОМ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба соҳаҳои таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳон: б.7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ; б.11. Механизмҳои танзими тиҷорати байналмилалӣ; б.22. Инкишофи инфрасохтори байналмилалии нақлиётӣ ва телекомуникатсияҳо, нақши онҳо дар байналмилалишавии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ; б.26. Манфиатҳои иқтисодии берунии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва дар муносибат бо кишварҳои алоҳида ва гурӯҳи кишварҳо. Проблемаҳои геоиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои стратегии он ва дурнамои фаъолияти иқтисодии берунии дар Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтгардида мувофиқат мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф мувофиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда мустақилона таҳқиқоти ҳаматарафаи илмиро анҷом дода, хулосаю тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқотро таҳия намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаю хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалию ҷумҳуриявии дар шаҳрҳои Душанбею Москва баргузоршуда пешниҳоду муҳокима гаштаанд. Ғайр аз ин, онҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зимни таълими фанҳое, аз қабили «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Ҳамгироии байналмилалӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ» истифода шудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалӣ аз ташхис гузашта, инчунин дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима карда шудаст.

**Интишори таълифоти таҳқиқот.** Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 таълифот, аз ҷумла чаҳор мақола дар нашрияҳои пешбари ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгашта ва се мақола дар маводҳои конфронсҳои байналмилалӣ нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот омода шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 параграф, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 178 саҳифаи матни компютерӣ бо шумули 22 ҷадвал ва 20 расм ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамияти таҳқиқот, дараҷаи коркарди проблема асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия муайян карда шуданд, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада нишон дода шуданд.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявии тақҳқиқи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ»** дастгоҳи мақулавии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ дақиқ карда шуда, ошкорсозии моҳият ва баёни хусусиятҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ дар марҳалаи кунунии рушди иқтисодиёти ҷаҳон сурат гирифта, омилҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ошкор ва заминаи институтсионалии он таҳлил карда шудааст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки моҳияти муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии байни кишварҳои мухталиф нуҳуфтааст, ки ба тақсимоти байналмилалии меҳнат асос ёфта, фарогирандаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, истеҳсолию молиявӣ; муносибатҳои илмӣ, техникӣ; ҳамкорӣ дар соҳаи сармоя, меҳнат ва қувваи корӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои гуногуни экологӣ мебошанд. Дар асоси таҳлили мавқеи олимон оид ба таърифи мафҳуми «ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ», муаллиф зери ифодаи ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ маҷмуи фаъолияти мутаносиби кишварҳо ва созмонҳои байналмилалиро, ки ба таҳкими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, дастгирии манфиатҳои миллӣ ва ислоҳотдарорӣ ба механизмҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои мутақобилан судманд нигаронида шудаанд, мефаҳмад. Муаллиф дар диссертатсия дар асоси омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро дар мадди аввали назари худ қарор дода, асоснок мекунад, ки он зери таъсири як қатор омилҳо ташаккул меёбад (расми 1).

***Омилҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ***

| | |
|---|---|
| Институтсионалӣ | Ҷаҳонишавии сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва либерализатсия. Таъсиси институтҳои нави сиёсӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, тақвияти нақши ширкатҳои фаромиллӣ; дараҷаи ҷалбшавии кишвар ба институтҳои байналмилалӣ; ҳолати протексионизм; фарқиятҳои институтсионалии соҳаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ |
| Техникӣ-иқтисодӣ | Рушди иқтисоди рақамӣ, кор дар самти коҳишдиҳии нобаробарии рақамии байни кишварҳо, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, автоматикунонӣ, роботикунонӣ, контейнерикунонии боркашонии нақлиётӣ, рушди технологияҳои нави инжинирингӣ ва консалтингӣ, хизматрасонию сервисҳо |
| Маконӣ | Пайдо шудани бозорҳои нави бузурги кишварию минтақавӣ |
| Ташкилӣ-идоракунӣ | Таҳияи низомҳои идоракунии равандҳои технологӣ ва истеҳсолӣ, маркетинг, логистика, низоми идоракунии сикли такрористеҳсолӣ дар ҳолати коркарди маҳсулоти нав |
| Бизнес-моделҳо | Тавсеаи кооператсияи байналмилалии истеҳсолӣ, бунёди занҷираҳои ҷаҳонии арзиши иловашуда, шарикии давлату бахши хусусӣ, густариши тиҷорати Интернетӣ |
| Техникӣ-технологӣ | Ҳудуд, захираҳои канданиҳои фоиданок, мутобиқати низомҳои истеҳсолӣ, истифодаи ашёи хоми воридотӣ, сохтори истеҳсолӣ, ба инноватсияҳо қобил будан, ҳолати муҳити табиӣ. |
| Ташкилӣ-иҷтимоӣ-иқтисодӣ | Миқёсҳо, дараҷаи ривоҷу равнақ ва суръати рушди иқтисодиёти миллӣ, талабот ба пардохтпазирӣ, ҳаҷм ва дараҷаи диверсификатсияи тиҷорати хориҷӣ тавассути молу хизматрасониҳо, динамикаи ҳосилнокии омилҳои истеҳсолӣ, фарқиятҳо дар сатҳи ҳосилнокии меҳнат |

**Расми 1. Омилҳои рушд ва тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси: Фаминский И.П. Мировое хозяйство: динамика, структура производства, мировые товарные рынки.-М.: Магистр, 2007.- С.23.; Соболева И. Социальная ответственность бизнеса: глобальный контекст и российские реалии//Вопросы экономики.2005, №10- С.91-92.; Гитин А. Деятельность европейских ТНК в ЦВЕ и СНГ//Мировая экономика и международные отношения.2006, №9.- С.43.

Ҳамзамон, муаллиф баинобатгирии таъсири омилҳои ҷудогона, ё дар маҷмуъ, бо мурури замон, ё зери таъсири тағйиротҳои муайяни низоми хоҷагии ҷаҳонӣ, таҳаввулоти сиёсӣ, ки ҳамчунин дигаргун мешаванд, асоснок мекунад.

Муаллиф қайд мекунад, ки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ метавонанд, ҳам дар асоси созишномаҳои дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба амалӣ шаванд. Дар баробари ин, ҳамкории дуҷониба, ба ақидаи муаллиф, як қатор афзалиятҳои вобаста ба онро дорад, ки аввалан, онҳо бо меъёрҳои мухталифи бисёрҷониба маҳдуд нестанд ва ба онҳо имкони шарикро ҷиҳати ҳамкорӣ бо ташаббуси худ интихоб намудан хос аст. Ин нукта асоси ташаккулёбӣ ва рушди кооператсияи байналмилалӣ ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ-иқтисодии рушди иқтисодии глобалӣ мебошад, ки ба тавсеаи махсусгардонӣ ва камшавии хароҷот барои истеҳсолу фурӯши молу хизматрасониҳо мусоидат мекунад.

Дуюм, мавҷудияти ду субъекти ҳамкорӣ манфиатҳои тарафайнро пешбинӣ менамояд, зеро дар акси ҳол барои густариши муносибатҳои дуҷониба зарурат ва ҳавасмандӣ намемонад. Шояд, замоне ки эҳтиёҷоти як ҷониб аз эҳтиёҷоти ҷониби дигар зиёдтар бошад, рушди муносибатҳои иқтисодӣ ба самти табъизомез гарояд.

Сеюм, ҳалли муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба асос ёфтаанд, ба ақидаи ду субъект побарҷост, ки ба созиш омадан ва ёфтани роҳи ҳалли умумиро нисбат ба мавриде, ки дар он масъала бо ҳамаи кишварҳо – аъзои СУС ба мувофиқа расонда мешавад, осонтар менамояд.

Чаҳорум, қабули қарорҳо ҳангоми баррасии мушкилоти иқтисодии ду кишвар ва таҳияи механизми муқовиматнамоии эҳтимолӣ ба таҳдидҳои бамиёномада метавонад хеле осонтар дар доираи ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба ба амал оварда шавад, дар ҳоле ки тезонидани ҳалли мушкилоти иқтисодии глобалӣ сарфи назарраси вақтро дар назар дорад.

Дар диссертатсия муаллиф дақиқ менамояд, ки рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ бар пояи дуҷониба камбудиҳои муайян дорад. Аввалан, онҳо бо ҷобаҷокунии бесамари ҷараёни тиҷоратӣ алоқамананданд, зеро зимни ҳамкории дуҷонибаи иқтисодӣ муносибатҳои иқтисодӣ метавонанд аз манфиатҳои сиёсӣ вобаста бошанд ва ба стратегияҳои муайяни рушд, ки ақлона будани ҳамкории иқтисодии хориҷии кишварҳоро коҳиш медиҳад, асос ёбанд.

Ҳамкории бисёрҷонибаи иқтисодӣ бошад, ба шароити бозории фаъолии иқтисодӣ асос ёфтааст. Дуюм, ҳалли мушкилоти муайян равиши дастаҷамъонаи мувофиқро тақозо менамояд. Сеюм, зимни ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ самараи паст аз миқёси истеҳсолот мушоҳида мегардад.

Чорум, барои амалисозии муносибатҳои иқтисодии дуҷониба дар доираи хоҷагии ҷаҳонӣ гуногунии вазъият яқин аст. Панҷум, ин вуҷуди нобаробарӣ дар самтҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ, масалан, байни кишвари рушдкарда ва кишвари рӯ ба тараққӣ, зеро муносибатҳои иқтисодие, ки байни кишварҳои дорои сатҳи гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меоянд, метавонанд дар заминаи то ҳадди аксар бадастории афзалиятҳо танҳо дар доираи як давлат бунёд шаванд.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки зимни роҳандозии муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ, иддаоҳои сиёсӣ низ метавонанд чун асоси ҳамкорӣ баромад кунанд ва эҳтимол дорад, онҳо ба вазифаҳои иқтисодии дорои аҳамияти аввалиндараҷаи кишвар мутақобилан ба ҳам муқобил гузошта шаванд. Чунин вазъ метавонад ба афзоиши шиддати иҷтимоӣ боис гардад.

Дар марҳалаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ формати бисёрҷонибаи ҳамкорӣ бо формати ҳамкории дуҷониба, бо роҳи фароҳам овардани шароити зарурӣ барои амалисозии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар робитаи зич қарор дорад. Дар мавриди формати бисёрҷонибаи ҳамкорӣ самтҳои ҳамкориҳои гурӯҳҳои кишварҳоро дар доираи робитаҳои дуҷониба муайян кардан мумкин аст, зимни ҳамкориҳои дуҷониба бошад, метавон самтҳои ҳамкориҳои байни кишварҳоеро, ки бо ҳам алоқаманд нестанд, таъриф намуд. Дар робита ба ин, барои муайян кардани нақши муносибатҳои иқтисодии дуҷониба дар иқтисодиёти ҷаҳон арзёбӣ намудани вазъи формати бисёрҷониба муҳим аст, зеро низоми иқтисодиёти ҷаҳон метавонад танҳо дар маҷмуъ шакл гирифта, роҳандозӣ шавад.

**Дар боби дуюм – «Таҳлили вазъи кунунии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ»** тавсифи умумии рушди иқтисодиёти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дода шуда, миқёс ва сохтори кунунии робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил карда шуда, хусусиятҳои асосӣ ва хосиятҳои мушаххаси иштироки Тоҷикистон дар ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ошкор гардида, баҳамалоқамандии нақлиётию транзитии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ гардидааст.

Нишон дода шудааст, ки ҳиссаи ММД-и панҷ кишвари МОМ 0,69%-ро дар ҳаҷми умумии ММД-и ҷаҳон ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ҳиссаи бештарини ММД дар ҳаҷми умумии ММД-и ҷаҳон ба Қазоқистон (0.38% ), хурдтарини он ( 0,02% ) ба Қирғизистон тааллуқ дорад. Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун давлатҳои тавонотарину рушдкардатарин матраҳ мегарданд.

Таҳлили ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ ва дараҷаи рушди иқтисодҳои миллии кишварҳои минтақа нишон дод, ки ҳамзамон бо бадастории истиқлолият кишварҳои МОМ аз рӯйи маҳрук (траектория) -ҳои гуногуни рушд пеш рафта истодаанд ва дар натиҷаи ин ҳолат роҳҳои ба самти худтаъминкунӣ пешгирифтаи онҳо гуногун буда, нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо ба тарзи назаррас тафовут доранд. Моделҳои иқтисодии рушди иқтисодҳои миллӣ, ки ба содироти захираҳои маъданӣ, ашёи хом, маҳсулоти кишоварзӣ ва қувваи корӣ асос ёфтаанд, тадриҷан тариқи афзоиши истеҳсолоти саноатӣ, рушди технология ва ҷорикунии инноватсияҳо дар равандҳои истеҳсолӣ дигаргунсозӣ гаштаанд.

Дар асоси таҳлили робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳар як кишвари МОМ (расми 2) муаллиф ба хулоса омадааст, ки беҳсозии

савдои дохилиминтақавӣ айни замон самти муҳиммест, ки аз он ҳамаи кишварҳои минтақа баҳра хоҳанд бурд.

Дар диссертатсия зарурати дигаргунсозии сиёсати тиҷорати хориҷии ҳар як кишвари минтақа барои таъминсозии идоракунии самараноки сарҳадҳо асоснок карда шуда, пеш аз ҳама, бартараф кардани пардохтҳои ғайрирасмӣ, монеаҳои ғайритарифӣ, татбиқсозии лоиҳаҳои муштараки илмталаб ва ғайра муҳим арзёбӣ мешавад.




**Расми 2. Гардиши тиҷорати хориҷии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ млн.долл.***
**Сарчашма**: ҳисобкунии муаллиф дар асоси: Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2021.-С.15-20.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ амалиёти савдои хориҷӣ анҷом медиҳад, зимнан дар байни онҳо ҷои назаррасро Ҷумҳурии Қазоқистон, ки соли 2020 ҳиссаи он дар содироти Тоҷикистон 62% -ро ташкил дод, ишғол мекунад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Содироти маҳсулоти Тоҷикистон ба кишварҳои ОМ, млн.долл.**

| **Кишварҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 146,5 | 194,9 | 324,3 | 299,9 | 218,2 | 152,2 | 360,0 |
| Қирғизистон | 9,4 | 8,9 | 10,9 | 14,1 | 11,4 | 9,6 | 5,3 |
| Ӯзбекистон | 6,1 | 35,6 | 57,1 | 155,3 | 172 | 83,6 | 129,6 |
| Туркманистон | 2,5 | 1,4 | 1,5 | 0,6 | 0,3 | 0 | 0,00 |
| Ҳамагӣ бо кишварҳои ОМ | 162 | 239,4 | 392,3 | 469,3 | 401,6 | 245,4 | 494,9 |
| Саҳми ОМ дар содироти Тоҷикистон, % | 18,2 | 26,6 | 32,8 | 43,7 | 34,2 | 17,5 | 23,0 |

**Сарчашма:** ҳисобкунии муаллиф дар асоси: Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2021.-С.18-20.

Соли 2021 ҳиссаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар андозаи умумии содироти кишвар 23,0% -ро ташкил дод. Дар солҳои 2015-2018 тамоюли афзудани содироти ҶТ ба кишварҳои ОМ мушоҳида шуда, дар солҳои 2019-2020 бошад, бинобар пандемияи COVID-19 ва мамнуъиятҳои дар ҳар як кишвар ҷоригашта вазъ тағйир ёфт. Аммо аллакай дар соли 2021 тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ба амал омада, ҳиссаи ОМ дар содироти ҶТ 5,5 банди фоизӣ афзудааст.

**Ҷадвали 2. - Воридоти маҳсулот аз кишварҳои ОМ ба Тоҷикистон, млн.долл.**

| Кишварҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 555,6 | 481,1 | 514,6 | 536,6 | 739,3 | 757,5 | 818,5 |
| Қирғизистон | 24,4 | 16,8 | 37,9 | 48,2 | 42,8 | 27,2 | 20,5 |
| Ӯзбекистон | 5,9 | 33,6 | 69,3 | 133,2 | 190,2 | 0,3 | 318,3 |
| Туркманистон | 106,6 | 92,1 | 48,8 | 46,6 | 11,9 | 7,8 | 22,2 |
| **Ҳамагӣ бо кишварҳои ОМ** | 585,9 | 531,5 | 621,8 | 718 | 972,3 | 785 | **1179,5** |
| Ҳиссаи ОМ дар воридоти Тоҷикистон, % | 17,1 | 17,5 | 22,4 | 22,8 | 29,0 | 24,9 | 28,0 |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси: Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе. Агентии омори назди Президенти ҶТ.-2021.-С.21-24.

Дар маҷмуъ, робитаҳои тиҷоратии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ дар давраи аз соли 2015 то 2021 ба қадри 2,24 баробар афзуда, тағйироти шадидтарин дар давоми соли 2020, замоне ки кишварҳо талошҳои худро барои таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва тақвияти нақшу нуфузи ОМ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ равона карданд, рух дод.

Таҳлил нишон дод, ки воридот аз содирот ба кишварҳои минтақа чандин маротиба зиёд буда, коэффисиенти пӯшонидани воридот тавассути содирот аз як воҳид пасттар аст (расми 3).




**Расми 3. Коэффисиенти пӯшонидани воридот тавассути содирот бо кишварҳои ОМ***

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти: Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи Оморӣ. Душанбе. Агентии омори назди Президенти ҶТ.-2022.-С.14-20.

Аз ҷониби диссертант дақиқ карда шудааст, ки дар гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо, аз қабили маҳсулоти маъданӣ, маводу маснуоти нассоҷӣ содирот ба Ӯзбекистон аз воридот бартарӣ дорад. Бобати маҳсулоти маъданӣ дар соли 2020 содироти Тоҷикистон ба Ӯзбекистон 1,12 маротиба зиёд, аз рӯйи моводи нассоҷӣ бошад, 1,84 маротиба зиёд буд. Аз лиҳози маводу маснуоти нассоҷӣ содироти Тоҷикистон ба Қирғизистон нисбат ба воридот 34,41 маротиба бештар

шуд.Таҳлилҳое, ки дар диссертатсия доир ба гурӯҳҳои молҳои ба Тоҷикистон танҳо аз кишварҳои МОМ воридшуда анҷом ёфт, нишон дод, ки соли 2020 ҳиссаи кишварҳои минтақа дар маҳсулоти растанӣ 81,03% ва алакай соли 2021 бошад 82,06% -и ҳаҷми умумии воридоти ин гурӯҳи молҳо аз тамоми кишварҳои ҷаҳонро ташкил дод.

Нақши Қазоқистон дар ин маврид бинобар воридоти орд ва маҳсулоти ордӣ назаррас аст, зимнан кам шудани ҳиссаи он ба маҳдудгардии таъминоти ғалла ва орд, ки дар натиҷаи пандемия ва муқобилияти низомии байни Русия ва Украинаю оқибатҳои онҳо ба вуҷуд омадааст, вобаста аст.

Гурӯҳи молҳои «Маҳсулоти маъданӣ», ки соли 2021 ҳиссаи ба кишварҳои минтақа вобастабудаи он дар ҳаҷми умумии воридот ба Тоҷикистон 43,92% -ро ташкил додааст, аз ҷиҳати муҳиммият дар мақоми дуюм қарор дорад. Дар инҷо нақши Қазоқистон, ки ба мо маҳсулоти нафтӣ, газ, битум, кокс ворид мекунад, низ муҳим аст.

Гурӯҳи молҳои «Маҳсулоти саноати кимиёӣ», ки соли 2021 ҳиссаи он аз кишварҳои ОМ дар ҳаҷми умумии воридшавии ин гурӯҳ 40,47% ва соли 2019 бошад - 40,14%-ро ташкил дода буд, аз ҷиҳати муҳиммӣ дар мақоми сеюм қарор дорад. Қариб сеяки ҳаҷми умумии молҳои воридшудаи гурӯҳҳои зерини маҳсулот: металлҳои ғайриқиматбаҳо ва маҳсулоти аз онҳо истеҳсолшуда; маснуот аз санг ё маводи ба он монанд; пойафзолу каллапушҳо, инчунин чарбую равғанҳои ҳайвонот ё растанӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ рост меояд. Дар ҳаҷми умумии воридоти солҳои 2019-2021 тақрибан дар ҳамаи гурӯҳҳои молҳо афзоиши ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба назар мерасад.

Коэффитсиенти фарогирии воридот бо содироти танҳо чор кишвари Осиёи Марказӣ соли 2019 ба 1,10, соли 2020 ба -0,98 расид, яъне чораҳои карантинии аз ҷониби кишварҳои зиёд қабулшуда таъсир расониданд, дар соли 2021 бошад, ин рақам аллакай ба 1,06 мерасад, яъне тадбирҳои андешидашуда оид ба фаъолгардонии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ натиҷаҳои худро доданд.

Ҳисобҳои дар диссертатсия анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки аз тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ОМ афзоиши самаранокӣ мушоҳида мешавад, ки худ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар 1 фоизи афзоиши ММД соли 2019 дар Тоҷикистон боиси афзоиши ҷараёнҳои воридот аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба қадри 0,47 %, соли 2020 -0,91 % ва дар соли 2021 бошад, алакай -1,31 % гардидааст.

Долонҳои мавҷудаи транзитиро омӯхта, муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодӣ дар кишварҳои ОМ ҳанӯз механизми ягонаи интиқоли молҳо ва хизматрасониҳои ҷавобгӯйи манфиатҳои тамоми кишварҳои минтақа ташаккул наёфтааст. Ҳар як кишвар ин равандро дар заминаи меъёрию ҳуқуқии кишварӣ танзиму назорат намуда, ба манфиатҳои эҳтимолие, ки аз таъсиси комплекси ягонаи нақлиётии минтақаи Осиёи Марказӣ бармеоянд, таваҷҷуҳ намедиҳад. Ин бошад, ба пайдо гаштани як навъ монеаҳо ҳангоми интиқоли маҳсулот дар долонҳои нақлиётии бавуҷудомада боис мегардад. Мушоҳида кардан мумкин аст, ки бо вуҷуди кӯшиши Тоҷикистон, дараҷаи боркашониҳои байналмилалии транзитӣ хеле паст боқӣ мондааст, ки ин

ба таъсири сабабҳои гуногун, ки дар байни онҳо, пеш аз ҳама, нокифоя будани инфрасохтори инноватсионии нақлиётию технологиро метавон қайд кард, вобаста аст.

Нишон дода шудааст, ки ҳадафи асосии долонҳои байналмилалии нақлиётӣ барои Тоҷикистон аз таъмини ҳамлу нақли транзитии бор ва таъмини ҳифзу кафолатҳои давлатии иҷрои онҳо дар заминаи созишу тавофуқоти байналмилалии ҳосилшуда, ки амнияти иқтисодии кишварро таъмин мекунанд, иборат аст. Долонҳои транзитӣ ва роҳҳои интермодалию мултимодалӣ, ки аз Тоҷикистон мегузаранд, ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, ҶХХ ва давлатҳои халиҷи Форс мусоидат мекунанд.

Қайд карда мешавад, ки ҳар як кишвари МОМ танзим ва назорати раванди ҳамлу нақли молро бар пояи меъёрии ҳуқуқии кишварӣ амалӣ намуда, даромади имконпазир аз таъсиси маҷмааи ягонаи нақлиётии минтақаи Осиёи Марказиро ба назар намегирад. Ба ақидаи мо, ин ба вуҷуди як навъ монеаҳо ҳангоми интиқоли маҳсулот дар долонҳои нақлиётии бавуҷудомада мусоидат мекунад, аз ин рӯ, дар рӯзнома бояд масъалаи барои кишварҳои МОМ муносиби таҳияи механизми умумии ягонаи интиқоли молу хизматрасониҳои дар долонҳои транзитӣ баамалоянда ба миён гузошта шавад.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки ҳамгунсозии қонунгузориҳои нақлиётӣ ва андешидани тадбирҳо оид ба рафъи монеаҳои дохилӣ, ки ба амал овардани онҳо ҳаракати бемамониати молҳоро таъмин мекунад, чун вазифаи асосие, ки дарояндаи наздик ҷиҳати беҳсозии занҷираҳои логистикии таҳвили молҳо бояд ҳал карда шавад, матраҳ мегардад. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани воситаҳои муосири техникии назорат ба мӯҳлатҳои рафтуомади воситаҳои нақлиёт зарур аст. Амалисозии ин тадбирҳо дар мувофиқа бо кишварҳое, ки тавассути қаламравҳояшон транзити молу хизматрасониҳо сурат мегирад, шарти аввалини рушди тиҷорати байналмилалӣ мебошад.

**Дар боби сеюм - «Самтҳои ҳамкориҳои ба самти иноватсия равонашудаи тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ»** иқтидори ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва тавсеаи он ошкор гардида, шаклҳо ва самтҳои рушди муносибатҳои тиҷоратии байниҳамдигарии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба низом дароварда, самтҳои муттаҳидсозии имкониятҳои иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити афзоиши хавфи мунокишаҳои геополитикӣ нишон дода шудаанд.

Тавсеа ва амиқсозии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои ҳар як кишвари ҷудогонаи минтақа низ муфид аст. Ин ба мавридҳои зерин вобаста аст: афзудану вусъат ёфтани рақобат; баҳра бурдан аз иштирок дар тақсимоти байналмилалии меҳнат; фоида гирифтан аз васеъ кардани миқёс тариқи зиёдкунии бозорҳои фурӯш ва рақобатпазирии ширкатҳо; ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, бо роҳи бештар кардани таваҷҷуҳи онҳо ба минтақа аз ҳисоби бозори дохилии он ва фазои беҳтаршудаи соҳибкорӣ ва ғайра.

Таҷрибаи андухташудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии кишварҳои

Осиёи Марказӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ташаккул ва амиқсозии ин ҳамкорӣ ҳанӯз иқтидори басо калони амалинагашта вуҷуд дорад, ки истифодаи он ба ҳар як кишвари минтақа имкони бадастории манфиатҳои муайянро медиҳад.

Дар диссертатсия ошкор мегардад, ки самтҳои ҳамкорӣ, махсусан дар шароити кунунӣ, замоне ки таносуби қувваҳо дар ҷаҳон, манфиатҳои сиёсию иқтисодии қудратҳои бузург дар рушди иқтисодиёти миллии кишварҳои ОМ тағйир меёбанд, гуногуннавъ ба шумор меравнд. Диссертант асоснок менамояд, ки ҳамкорӣ бар пояи кооператсияи кластерӣ, истеҳсол ва фурӯши молҳо аз кишварҳои мухталифи минтақа таҳти бренди ягона чун самти дурнамои ҳамкориҳои иқтисодӣ матраҳ мегардад. Имконияти дар Тоҷикистон ба роҳ мондани сикли комили истеҳсолоти металлургӣ бар пояи истифодаи сармоягузориҳои Қазоқистону Ӯзбекистонро метавон бо такя ба саноати алюминий ва асбобсозӣ баррасӣ кард. Имкониятҳои калони тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо Қирғизистон дар доираи рушди саноати сабуку хӯроквории дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ ва татбиқи барномаи давлатии воридотивазкунӣ амалишаванда вуҷуд дорад.

Қазоқистон дар таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ ва тавсеаи таҳвилҳои маҳсулоти агросаноатӣ аз кишварҳои минтақа барои қонеъ кардани талаботи афзояндаи аҳолии кишвари худ манфиатдор аст.

Чун самти дигари ҳамкориҳои байнихудии кишварҳо рушди кооператсияи бозорӣ, ки ба амалҳои дастаҷамъии корхонаҳои кишварҳои мухталифи минтақа дар мавриди харидорӣ ва ҳаракати рузафзуни молҳо дар бозорҳои кишварҳои ОМ алоқаманд аст, низ шуда метавонад. Дар асоси истифодаи дастури ягона, стандарт ва роҳҳои ба ин монанд ташкил намудани харидҳои дастаҷамъонаи ашё ва маснуоти пурракунанда, ки бо таҳвилҳои маҳсулоти якнавъ муттаҳид шудаанд, инчунин анҷомдиҳии фурӯши молҳо бо истифода аз каналҳои ширкатҳои шарик имконпазир аст.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки ба туфайли тавофуқҳои муштарак ва созишҳои мавҷуда роҳандозии ҳамкориҳои бисёрҷонибаи мутақобилан судманди Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самтҳои зерин имконпазиранд:

- таъсиси КМ, аз ҷумла дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон, дар соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ, инчунин дар соҳаи кишоварзӣ;
- мусоидат ба кушодани корхонаҳои муштарак, намояндагиҳо ва филиалҳои бонкҳо дар Тоҷикистон;
- таъсиси марказҳои тақсимоти яклухт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содироти маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза ба кишварҳои сеюм;
- маблағгузории фаъоли амалиёти савдо аз ҳисоби маблағҳои қарзии бонкҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ тавассути додани қарз ба соҳибкорони тоҷик;
- баргузор намудани намоишгоҳҳо дар самтҳои афзалиятнок дар қаламрави кишварҳои ОМ;

- ба кор даровардани васлкунии мошинҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шарики бо кишварҳои МОМ;
- роҳандозии ҳамкорӣ бо сохторҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти рақамӣ, таҳқиқоту коркардҳои технологӣ, тиҷорати электронӣ, хизматрасониҳои муосири саноатӣ, инкубатсияи тиҷорат ва ғайра.

Зимнан қайд мегардад, ки татбиқи самтҳои гуногуни ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ ба сатҳу миқёси рушди бахши хусусӣ дар ҳар як кишвари минтақа вобаста аст. Самтҳои эҳтимолии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ҳар як кишвари МОМ нишон дода шудааст.

Муттаҳидсозии низоми нақлиётии МОМ, ки аз истифодаи муштараки долонҳои транзитии трансконтиненталӣ иборат аст, дар ҳамкориҳои бомуваффақияти тиҷоратию иқтисодии кишварҳои МОМ аҳамияти назаррас дорад. Нишон дода шудааст, ки як қатор сабабҳои умумӣ пайдо гашт, ки тибқи он зарурати коркарди масъалаи тарҳрезии стратегияи умумӣ ё барномаи ташаккули низоми минтақавии нақлиётӣ ба миён омад. Чунин ҳолат ба он рабт дорад, ки аввалан, давлатҳои ОМ пӯшидаанд ва ҷиҳати дастрасӣ ба бозори ҷаҳонӣ побанди стратегияи нақлиётии аз ҷониби дигар кишварҳо роҳандозишаванда ҳастанд. Дуюм, зимни ҳамлу нақли борҳои содиротӣ-воридотӣ дар кишварҳои ОМ хароҷоти назарраси нақлиётӣ ба назар мерасад.

Сеюм, давлатҳои ОМ бозори хеле калони дохилӣ ва захираҳои табиӣ доранд, ки дар ин робита манфиатҳои қудратҳо ва иттифоқҳои калон ба ҳам мухолифат менамоянд. Чорум, қисми зиёди долонҳои нақлиётии кишварҳои ОМ бо ҳам алоқаманд буда, ҳар як кишвари минтақа дар афзоиши ҳамлу нақли транзитӣ ба як андоза манфиат дорад. Панҷум, барои беҳсозии низоми нақлиётӣ дар ҳар як кишвар ва бунёди долонҳои нав ҷалби сармоягузории назарраси хориҷӣ лозим аст.

Таъкид мешавад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ дар низоми нақлиётии умумиҷаҳонӣ иқтидори бузурги транзитӣ дорад, зеро он Аврупоро бо Осиё мепайвандад. Аз ин рӯ, проблемаҳои зимни истифодаи коммуникатсияҳои мавҷуда бамиёноянда корбурди оқилона ва мутақобилан судманди имкониятҳои эҳтимолии дар ихтиёри кишварҳо бударо, ки бинобар мавҷудияти захираҳои табиӣ ва бозори васеи фурӯш ҷолиб ҳастанд, ба таври назаррас бозмедоранд.

Бинобар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва робитаҳои динамикии байналмилалӣ на танҳо дар сатҳи Тоҷикистон, балки дар ҳудуди минтақаи Осиёи Марказӣ рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ ва гуногунрангии роҳҳои тиҷоратӣ чун самти стратегии рушд матраҳ мегардад. Зимнан қайд мегардад, ки ин пеш аз ҳама, ба набудани стратегияи таҳияшудаи барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ягона оид ба истифодаи коммуникатсияҳои вуҷуддоштаи нақлиётӣ, инчунин набудани сиёсати нақлиётии низомманди умумии коркардгашта вобаста аст. Бо саъю кӯшишҳои муштарак бунёд намудани долонҳои нақлиётии байналмилалӣ, инчунин инфрасохтори нақлиётии умумӣ ба кам шудани хароҷоти нақлиётӣ ҳангоми содирот ба бозори хориҷӣ, ки чун самти зарурӣ дар густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии кишварҳои минтақа матраҳ мегардад, мусоидат хоҳад кард.

Таҳлили дар диссертатсия анҷомёфтаи амалиёти тиҷорати хориҷии бо ҳар як кишвари минтақа роҳандозишавандаи Тоҷикистон ва ошкор кардани дараҷаи вобастагӣ ба таҳвилҳои намудҳои алоҳидаи молҳо нишон дод, ки барои амиқсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ бояд як қатор ниҳодҳо таъсис гашта, инҳо таҳия карда шаванд:

- Стратегияи ташаккул ва рушди консорсиуми обу энергетикаи байналмилалии Осиёи Марказӣ;
- Стратегияи ташаккул ва фаъолияти консорсиуми нақлиётии Осиёи Марказӣ;
- Стратегияи ташаккул ва рушди консорсиуми озуқаврии Осиёи Марказӣ;
- Стратегияи рушди ҳамкориҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (харитаи роҳ), тариқи тақсимкунӣ аз рӯйи кишвар ва бо иштироки минтақаҳои Тоҷикистон.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ теъдоди зиёди робитаҳои мустақим ва муносибатҳои байни кишварҳоро дар соҳаи ҳаракати мол, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи кории берун аз ҳудудҳои миллиро дар бар мегиранд. Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ ҳам равандҳои тиҷоратӣ ва ҳам истеҳсолию иқтисодӣ ва молиявиро фаро гирифта, ҳамин тариқ комплекси мураккаб ва ба ҳам алоқаманди байналмилалиро ташкил медиҳанд. Кишварҳои ҷаҳон дар доираи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар ҳолати ҳамкории доимии иқтисодӣ ва вобастагии мутақобила қарор мегиранд, аз ин рӯ, байни онҳо ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ сурат мегирад [1-М].

2. Ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоративу иқтисодиро метавон ҳамчун маҷмуи фаъолияти ҳамоҳангшудаи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, ки ба ҳамбастагии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, дастгирии манфиатҳои миллӣ ваислоҳоти механизмҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои мутақобилан судманд нигаронида шудаанд, маънидод кард. Ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ дар шаклҳои гуногун амалӣ карда мешавад, аз ҷумла: тиҷорати ҷаҳонӣ; сармоягузориҳои ҷаҳонӣ; ҳамкорӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ, кооперасияи истеҳсолӣ, дар соҳаи муносибатҳои асъорӣ, қарзӣ ва молиявӣ [2-М].

3. Фаъолияти тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ ба раванди минтақавигардонии ҷаҳон дар баробари дигар омилҳо, аз қабили захираҳои табиӣ, шароити табиӣ, тиҷорати байналмилалӣ, афзалиятҳои минтақавӣ, дараҷаи дурӣ аз бозорҳо, сатҳи маълумоти аҳолӣ, шиддату самтҳои сиёсати сармоягузории кишвар таъсири муҳим мерасонад. Фаъолияти тиҷоратию иқтисодии байниминтақавӣ, ба андешаи мо, ҳамкории мураккаби субъектҳои хоҷагидори минтақаи алоҳидаи кишвар бо субъектҳои хоҷагидори дигар минтақаҳои ҷаҳон мебошад, ки ба содироти молу хизматрасонӣ, бо такя ба иқтидори содиротии минтақавӣ, хариди молу хизматрасонӣ барои ҷуброни эҳтиёҷоти дохилии минтақавӣ, бар пояи дастгирии ҳаракати байналмилалии

сармоя, технология, иттилоот ва муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ равона шудааст [2-М].

4. Ҳамкории байналмилалии тиҷоратию иқтисодиро метавон ҳамчун раванди пайвастаи ташаккули фаъолонаи муносибатҳои байналмилалии минтақавӣ байни субъектҳои гуногун: давлатҳо, мақомоти маҳаллӣ ва минтақавии ҳокимият, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва соҳибкороне, ки дар рушди қаламравҳои худ манфиатҳои муштарак доранд, баррасӣ кард. Чунин раванд таҳияи стратегияҳои муштарак, муайян кардани самтҳои афзалиятнок, таҳияи барномаҳои рушд ё «харитаи роҳ»-ро бар пояи арзёбии ҳамаҷонибаи иқтидори умумии мавҷудаи ҳудудҳо ва муайянсозии ҷиҳатҳои қавию заифи онҳо фаро мегирад [5-М].

5. Ҳамкории иқтисодии кишварҳо ба назарияҳои асосии иқтисодӣ, ки аз ҷониби классикони назарияи иқтисодӣ, ба монанди А. Смит, Д. Рикардо, Э. Хекшер, Б. Олин, М. Познер, Ҷ.М. Кейнс, М. Портер, Р.О. Кеохейн, Дж. Най, Я. Тинберген, Ҷ. Делмон ва дигарон таҳия шудаанд, асос ёфтааст. Дар ин зимн, заминаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ талоши умумӣ дар татбиқи манфиатҳои тарафайн дар соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ, фарҳангӣ ва ғайра мебошад; бартарафсозӣ ва пешгирии оқибатҳои манфии фаъолияти антропогении аз ҷониби субъектҳо анҷомёбанда, мавҷудияти мушкилоти умумӣ ва ғайра.

6. Дар марҳалаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ формати бисёрҷонибаи ҳамкорӣ бо ҳамкории дуҷониба тариқи фароҳамсозии шароити зарурӣ барои амалӣ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҳамбастагии зич қарор дорад. Зимни формати бисёрҷонибаи ҳамкорӣ самтҳои ҳамкории гурӯҳҳои кишварҳоро дар доираи робитаҳои дуҷониба ифода кардан мумкин аст, дар сурати ҳамкории дуҷониба бошад самтҳои ҳамкории кишварҳои бо ҳам алоқаманд набударо тавсиф намудан мумкин аст. Бинобар ин, барои муайян кардани нақши робитаҳои иқтисодии дуҷониба дар иқтисоди ҷаҳонӣ, арзёбии ҳолати формати бисёрҷониба муҳим аст, зеро танҳо дар маҷмӯъ низоми иқтисоди ҷаҳониро поягузорӣ ва созмон додан мумкин аст [6-М].

7. Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ самти ташаккули тартиби мусоидати бештарин ва татбиқи принсипи баробарию таҳаммулпазирии молҳо, ҳифзу кафолат ҳангоми анҷомдиҳии муомилот бо асъори қобили табдил, дастгирии давлатии амалиёти молиявии ба тиҷорат вобастабуда [3-М].

8. Кишварҳои МОМ дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷаҳон як қатор бартариҳои муайян доранд, аз ҷумла: бо захираҳои табиӣ, кишоварзӣ ва энергетикӣ таъмин будан; иқтидори назарраси содиротӣ; имкониятҳои истеҳсолӣ, ки ба туфайли кооператсия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мусоидат мекунанд; захираҳои меҳнатии арзон; мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ байни кишварҳои Аврупо ва Федератсияи Россия, инчунин кишварҳои Шарқ; эҳтимолияти ташкили низоми ягонаи обию энергетикӣ ва ноилшавӣ ба мустақилияти обию энергетикӣ; имкониятҳои зиёди илмӣ-технологӣ ва ғайра [1-М].

9. Коэффитсиенти фарогирии воридот бо содироти танҳо чор кишвари Осиёи Марказӣ соли 2019 ба 1,10, соли 2020 ба 0,98 расид, яъне тадбирҳои карантинии қабулнамудаи аксари кишварҳо таъсир расонданд, дар соли 2021 бошад, аллакай нишондиҳандаи мазкур ба 1,06 расид, яъне тадбирҳои андешидашуда оид ба фаъолгардонии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ натиҷаи худро доданд [2-М].

10. Ҳисобҳое, ки мо анҷом додем, нишон медиҳанд, ки афзоиши самаранокии тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида мешавад ва худ шаҳодати он аст, ки ҳар 1% афзоиши ММД дар Тоҷикистон ба афзудани ҷараёни воридот аз кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2019 ба қадри 0,47%, соли 2020 – ба қадри 0,91% ва соли 2021 бошад, ба қадри 1,31% боис гардид.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Минтақаи Осиёи Марказӣ дорои иқтидори бузурги транзитӣ дар низоми нақлиётии ҷаҳонӣ мебошад, зеро он Аврупоро бо Осиё мепайвандад. Дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ рушди комплекси нақлиётию логистикӣ ва гуногунии роҳҳои тиҷоратӣ самти стратегии рушд ба ҳисоб меравад. Барои амиқ гардонидани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бояд Стратегияи ташкил ва рушди Консорсиуми байналмилалии обию энергетикии Осиёи Марказӣ, Стратегияи ташкил ва фаъолияти Консорсиуми нақлиётии Осиёи Марказӣ, Стратегияи ташаккули ва рушди Консорсиуми озуқаворӣи Осиёи Марказӣ ва Стратегияи рушди ҳамкориҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (харитаи роҳ), тариқи тақсимот аз рӯйи кишварҳо ва бо саҳми минтақаҳои Тоҷикистон таҳия карда шаванд [4-М].

2. Барои вусъат додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ як қатор тадбирҳо мусоидат мекунанд, аз қабили: суръат бахшидан ба пешбурди равандҳо ва технологияҳои муосири инноватсионӣ дар соҳаи зироаткорӣ ва чорводорӣ, ки ба зиёдшавии ҳосилнокии зироатҳо ва афзоиши истеҳсоли чорво равона шудаанд; фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузорӣ ва касби таҷрибаи хориҷӣ дар бахши истеҳсолоти кишоварзӣ; такмил ва ислоҳоти сохтори майдонҳои кишт, парвариши чунин навъҳо ва намудҳои зироатҳо, ки барои зиёдшавии ҳосил ва қонеъгардонии ниёзи аҳолии кишварҳои МОМ дар озуқаворӣ [3-А].

3. Дар шумули самтҳои муҳими ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ташкили кластерҳои байналмилалӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, рушди истеҳсоли муштарак дар саноати хӯрокворӣ матраҳ мегардад. Ба шумори вазифаҳои асосии кластерҳои агросаноатии байнидавлатӣ инҳоро шомил намудан мумкин аст: тамаркузи захираҳо дар бархе соҳаҳои кишоварзӣ, аз қабили хоҷагии ғалладона, паррандапарварӣ, чорводории ширӣ; дастгирии молиявии намудҳои гуногуни кооператсия ва ҳамгироии молистеҳсолкунандагон, аз ҷумла ташаккул ва рушди иттиҳодияҳои агросаноатӣ; тавсеа ва такмили инфрасохтори бозори заминҳои таъйиноти кишоварзӣ; баланд бардоштани сатҳи технологии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва пешбурди амалии технологияҳои каммасраф ва экологӣ;

ташаккули сохторҳои муттаҳидшуда дар асоси сикли пурраи истеҳсолӣ, ки метавонад талабот ба маҳсулоти КАС-и на танҳо бозори Осиёи Марказиро қонеъ гардонад, балки маҳсулоти рақобатпазири КАС ва дигар бозорҳоро чи дар кишварҳои ИДМ ва чи берун аз онро таъмин намояд [6-А].

4. Бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ, бояд технопаркҳо дар шакли минтақаи махсуси иқтисодӣ ташкил карда шаванд, ки дар он ба истеҳсолкунандагон имтиёзҳои гуногуни андоз, тарифӣ ва ғайра пешниҳод карда шаванд, то ки барои фаъолияти самараноки онҳо ҳавасмандии хубе гардад [3-А].

5. Барои ҳамкориҳои минбаъдаи зич ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ ба туфайли аҳду паймонҳои муштарак ва созишномаҳои мавҷудаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи мутақобилан судманд метавонанд ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро дар соҳаҳои зерин тавсеа ва амиқтар намояд:

- таъсисдиҳии КМ, аз ҷумла дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон дар соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ ва инчунин хоҷагии қишлоқ;
- мусоидат намудан ба кушодани корхонаҳои муштарак, намояндагию филиалҳои бонкҳо дар қаламрави Тоҷикистон;
- таъсисдиҳии марказҳои тақсимоти яклухт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содироти маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза ба кишварҳои сеюм;
- маблағгузории фаъоли амалиётҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби маблағҳои қарзии бонкҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ тавассути пешниҳоди қарз ба соҳибкорони тоҷик;
- таъсисдиҳии истеҳсолоти васлкунии мошинҳо бо шарикони кишварҳои МОМ;
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо сохторҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои иқтисоди рақамӣ, таҳқиқоту рушди технологӣ, тиҷорати электронӣ, хизматрасониҳои муосири саноатӣ, бизнес-инкубатсия ва ғайра [3-А; 4-А; 6-А; 7-А ].

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### Мақолаҳо маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Адолати Курбонали. Экономическая интеграция стран центрально-азиатского региона [Текст]. / М.Т.Каримова, Адолати Курбонали// Таджикистан и современный мир.-Душанбе. 2022.- №2(78).-С. 150–159.

[2-М] Адолати Курбонали. Сотрудничество Таджикистана со странами Центральной Азии: направления и приоритеты / М.Т.Каримова, Адолати Курбонали // Экономика Таджикистана . Душанбе, 2022–№1.-С.208-215.

[3-М] Адолати Курбонали. Проблемы интеграции и консолидации стран Центральной Азии // Экономика Таджикистана. 2022.-№4. -С. 167-173.

[4-М] Адолати Курбонали. Перспективы экономического сотрудничества государств Центральной Азии // Вестник ТГПУ им. С.Айни. 2020- №1(1)- С.42-48.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[5-М] Адолати Курбонали Региональное сотрудничество государств Центральной Азии: взгляд из Таджикистана//Модернизация государств Центральной Евразии в условиях глобализации и регионализации в XXI веке: стратегии, новые тенденции и потенциал: материалы Международной научной конференции, декабрь. 2021г.- Душанбе: РТСУ, 2022. –с. 149–157.

[6-М] Адолати Курбонали Направления расширения торгово-экономических отношений Республики Таджикистан с Республикой Казахстан //Молодой ученый. -2021.-№44(386).-С.214-215.- URL: https://moluch.ru/ archive/386/ 84951/

[7-М] Адолати Курбонали. Меры поддержки торгово-экономического и инвестиционного сотрудничества Таджикистана со странами Центральной Азии//Материалы международной научной конференции «Векторы региональной интеграции государств Центральной Евразии: основные тенденции, приоритеты, перспективы». 13.12.2022. -РТСУ. -Душинбе.2023.- (дар чоп).

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Адолати Курбонали на тему: «Торгово-экономическое сотрудничество Таджикистана со странами Центральной Азии: основные направления и перспективы развития» на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.13 - Мировая экономика.**

**Ключевые слова:** интеграция, торгово-экономическое сотрудничество, Центрально-Азиатский регион, международное сотрудничество, экономическое сотрудничество, многостороннее сотрудничество, Центральная Азия.

Цель диссертационного исследования состоит в обосновании направлений инновационно-ориентированного развития торгово-экономического сотрудничества Таджикистана со странами Центральной Азии и выявлении перспектив их развития для обеспечения устойчивого экономического роста национальной экономики.

Методологической основой исследования выступил системный подход. Исследование основывается на принципах сопоставительного анализа, сочетания единства логического и исторического, взаимной связи количественных с качественными показателями. В процессе исследования опирались на неоклассические и институциональные теории, системный подход, теории динамического развития в аспекте изучения и оценки процессов трансформации, группировки и разграничения внешнеторговой деятельности.

Научная новизна исследования состоит в теоретическом обосновании иновационно-ориентированных направлений торгово-экономического сотрудничества Таджикистана со странами Центральной Азии и определении перспектив их развития для обеспечения устойчивого экономического роста национальной экономики.

Практическая значимость исследования заключается в возможности применения результатов исследования органами власти при реализации двух- и многосторонних торгово-экономических отношений Таджикистана с каждой страной ЦАР; фирмами при оценке приоритетности и перспективности выбранного направления сотрудничества; научно-исследовательскими институтами при совершенствовании методологических подходов к исследованию проблем углубления торгово-экономического сотрудничества на двух и многосторонней основе; ВУЗами при проведении учебных курсов «Мировая экономика», «Международные экономические отношения», «Внешнеэкономические связи Республики Таджикистан», «Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан».

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсионии Адолати Қурбоналӣ дар мавзуи: «Ҳамкории тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ: самтҳои асосӣ ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**

**Калидвожаҳо:** ҳамгироӣ, ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, минтақаи Осиёи марказӣ, ҳамкории байналмилалӣ, ҳамкории иқтисодӣ, ҳамкории бисёрҷониба, Осиёи Марказӣ.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асоснок намудани самтҳои рушди ба инноватсия нигаронидашудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо Кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ошкор намудани дурнамои рушди онҳо барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ иборат аст.

Асоси методологии таҳқиқотро равиши низомманд ташкил дод. Зимни таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили муқоисавӣ, омезиши ягонагии мантиқӣ ва таърихӣ, робитаи мутақобилаи байни нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ асос ёфтааст. Дар ҷараёни таҳқиқот ба назарияҳои неоклассикӣ ва институтсионалӣ, равиши низомманд, назарияҳои рушди динамикӣ дар ҷанбаи омӯзиш ва арзёбии равандҳои дигаргуншавӣ, гурӯҳбандӣ ва ҳадгузории фаъолияти савдои хориҷӣ такя намуда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии назариявии самтҳои ба инноватсия нигаронидашудаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва муайян кардани дурнамои рушди онҳо бахри таъминсозии рушди устувори иқтисодии иқтисоди миллӣ иборат аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ин мавридҳо истифода гарданд: аз ҷониби мақомоти ҳокимият дар татбиқи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо ҳар як кишвари МОМ; дар фаъолияти ширкатҳо зимни арзёбии афзалият ва дурнамои соҳаи интихобшудаи ҳамкорӣ; дар пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ҳангоми такмил додани муносибатҳои методологӣ ба омӯзиши мушкилоти амиқсозии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии дар заминаи дуҷониба ва бисёрҷониба амалишаванда; дар донишгоҳҳо зимни гузаронидани курсҳои омӯзишии «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ», «Муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ё «Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

## ANNOTATION

**on the abstract of the dissertation of Adolati Qurbonali on the topic: "Trade and economic cooperation of Tajikistan with the countries of Central Asia: the main directions and prospects of development" for the degree of candidate of economic sciences in the specialty 08.00.13 -World Economy.**

**Key words: integration, trade and economic cooperation, Central** Asian region, international cooperation, economic cooperation, multilateral cooperation, Central Asia.

The purpose of the dissertation research is to substantiate the directions of innovation-oriented development of trade and economic cooperation between Tajikistan and the countries of Central Asia and to identify the prospects for their development to ensure sustainable economic growth of the national economy.

The methodological basis of the study was a systematic approach. The study is based on the principles of comparative analysis, a combination of the unity of the logical and historical, the mutual relationship of quantitative and qualitative indicators. In the course of the study, we relied on neoclassical and institutional theories, a systematic approach, theories of dynamic development in the aspect of studying and evaluating the processes of transformation, grouping and differentiation of foreign trade activities.

The scientific novelty of the research lies in the theoretical substantiation of innovation-oriented areas of trade and economic cooperation between Tajikistan and the countries of Central Asia and the definition of prospects for their development to ensure sustainable economic growth of the national economy.

The practical significance of the study lies in the possibility of applying the results of the study by the authorities in the implementation of bilateral and multilateral trade and economic relations of Tajikistan with each country of the Central African Republic; firms in assessing the priority and prospects of the chosen area of cooperation; research institutes in improving methodological approaches to the study of the problems of deepening trade and economic cooperation on a bilateral and multilateral basis; Universities in the conduct of training courses "World Economy", "International Economic Relations", "Foreign Economic Relations of the Republic of Tajikistan", "Foreign Economic Activity of the Republic of Tajikistan".